# Такриз

ба диссертатсияи Боборачабова Гулноза Зиёвиддиновна дар мавзӯи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, дар ҳаҷми 158 саҳ. компютерӣ.

Устод Садриддин Айнӣ (1875 - 1954) аз симоҳои маълуму машҳури фарҳангу адабиёти ҷаҳонист, ки дар як давраи ҳассос ва пурмоҷарои таърихи халқи тоҷик дар Бухорои амирӣ ва баъд дар замони Шӯравӣ зиндагӣ ва эҷод карда, аз худ мероси гаронбаҳои илмӣ, адабӣ ва публитсистӣ боқӣ гузоштааст ва осори гуногунпаҳлу ва доманфаррохи мутафаккир ҳанӯз аз давраи ҷавониаш аз тарафи тазкиранависон, суханшиносон, муаррихон, публитсистони бисёри ватаниву хориҷӣ мавриди пажуҳиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Бо вуҷуди ин, чи хеле ки аз таҳлилу таҳқиқи диссертатсияи Боборачабова Гулноза Зиёвиддиновна бармеояд, ҳанӯз паҳлуҳои камомӯхтаи таълифоти устод равшан ба назар мерасад. Зиёда аз ин, дар замони Шӯравӣ «аксари пажӯҳишгарону муҳаққиқони осори устод андешаҳои хешро аз нигоҳи равишу усулҳои таҳлилии даврони ҳукмрон ва манофеи табақотию синфиятҷӯии иҷтимоъгароӣ созмон дода, аз таҳлилу арзёбии ҷанбаҳои муҳимми эҷодӣ ва асилияти шахсияти ҳунарӣ дар канор мондаанд» (дисс., с. 4) Ва унвонҷӯ кӯшиш кардааст, ки дар се бобу шаш фасли рисола ҷанбаҳои маърифатию зебоишинохтӣ ва падидаҳои ҳунарию эҷодии осори Айниро дар иртибот бо замону макон ба таҳлилу таҳқиқ гирифта, шахсияти барҷаста ва ҳунари волои чеҳранигории адибро ошкор созад.

Боби аввал «Мушкилоти чеҳранигорӣ дар осори С. Айнӣ» номгузорӣ шуда, дар ду фасли он марҳалаҳои асосии ташаккули ҳунари чеҳранигорӣ ва таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ дар осори бадеии Садриддин Айнӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ ташаккули ҳунари чеҳранигории устод Айниро ба се марҳала ҷудо карда, марҳалаи аввалро ба осори тоинқилобӣ, чун «Хонадони хушбахт», марҳалаи дувум ба асарҳои баъдиинқилобӣ, чун қиссаҳои

«Ҷаллодони Бухоро», «Одина» ва романҳои «Дохунда»-ю «Ғуломон», рабт медиҳад ва таъкид мекунад, ки устод аз аввалин образи қаҳрамонони нави адабиёт Муҳаммадфарид (аз «Таҳзиб - ус - сибён») то Ёдгору Гулнор (аз романи «Дохунда») ва Раҳимдоду Эргашу Сафаргулом (аз романи «Ғуломон») дар ҷустуҷӯи ҳунари чеҳранигорӣ роҳи басо мураккаби эҷодиро тай намуда, аз суннатҳо ва шеваҳои чеҳранигории насри ривоятии форсии тоҷикӣ ва осори адибони рус бо маҳорат истифода кардааст.

Унвонҷӯ бар он аст, ки шеваи коргирии С. Айнӣ аз таносуби ҳақиқати воқеӣ ва ҳақиқати бадеӣ далели равшани муносибати ҳақиқатнигоронаи нависанда ва аз вижагиҳои коргоҳи эҷодиву мактаби адабии ӯ мебошад ва нависанда ҳангоми ба қалам додани ҳатто хурдтарин ҷузъиёти бадеӣ ҳам аз ҳақиқати воқеӣ дур намеравад. Дар фасли дуюми боби аввал унвонҷӯ ба маҳорати чеҳранигории устод Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро», «Мухтасари тарҷимаи ҳоли худам», «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» ишора карда, минбаъд дар заминаи «Ёддоштҳо» ба таҳқиқ гирифтани консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигории адибро чунин асоснок мекунад: «Аз ин бахши асарҳо С. Айнӣ бештар дар «Ёддоштҳо», ки ҷанбаи бештари адабию ҳунарӣ дорад, дар тасвири чеҳраҳои бадеӣ худро озодтар эҳсос менамояд. Чунки асар аз нигоҳи жанрӣ хеле фарох буда, дар он воқеаҳои зиёд ва ашхоси бисёре ба тасвир омадаанд. Ин (ҷо) чеҳраи худи муаллиф дар сохтори асар нақши марказӣ ва созмондиҳандагӣ дорад (дисс., с.46).

Боби II «Бозтоби шахсияти таърихӣ ва симои равшанфикрон дар «Ёддоштҳо» номгузорӣ шуда, дар он унвонҷӯ бо истифода аз усули таҳқиқи аз кулл ба ҷузъ ҳунари чеҳранигории устод Айниро дар як асари ҷамъбастии нависанда, ки қаробати қишрҳои гуногуни ҷомеаро ба таърих, халқ ва ормонҳои маънавии сокинони Бухорои амирӣ дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX фароҳам овардааст, мавриди таҳлилу таҳқиқи муфассал қарор додааст. Махсусан, баррасии чеҳраҳои зоҳирӣ ва ботинии зиёиёни пешқадам, ки худи устод Айнӣ яке аз онҳо

буда, дастҷамъома ба муқобили сохти беадолати амирӣ баромада, ҷомеаро аз вартаи ҳалокат раҳондан мехостанд, дар ифодаи мундариҷаи ғоявӣ ва муҳтавои сохтории асар комилан мусоидат кардааст. Дар фасли аввали боби дувум сухан аз чеҳраҳои шахсиятҳое чун Шамсиддин Шоҳин, Шарифҷомахдуми Садри Зиё, Садри Сарир, Мулло Тураб, Мулло Амон, Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Мирзо Азими Сомӣ, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Мирзоҳаити Саҳбо меравад, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа мақоми шоиста дошта, зиндагии пурфоҷиа ва фалокатбор насибашон гаштааст. Диққати унвонҷӯро дар ин фасл, пеш аз ҳама, чеҳраи нуронӣ, босалобат ва шукӯҳманди Шарифҷонмахдуми Садри Зиё, ки чун ҳомӣ, мураббӣ ва сарпарасту пуштибони зиёиёни пешқадами замон ба назар мерасид, ҷалб менамояд. «Шарифҷонмахдум, – дар нигоҳи Айнӣ, – одами баландқомат, сафедрӯй, мешчашм, хурмоириш буда... дар хушхаттӣ, хушсаводӣ, шеърфаҳмӣ ва маърифатдӯстӣ дар байни муллозодагони Бухоро қариб ягона буд». Дар диссертатсия дар мисоли мувофиқат ва мутобиқати шахсият ба чеҳраи зоҳирии Шарифҷонмахдуми Садри Зиё дар бобҳои «Хислатҳои хусусии Шарифҷонмахдум», «Аҳволи ман дар ҳавлии Шарифҷонмахдум», «Шиносоиям бо Ҳайрат» ва ғайра дар «Ёддоштҳо», беш аз пеш такомул ёфтани маҳорати чеҳранигории устод Айнӣ ва торафт аҳамияти иҷтимоӣ ва ахлоқӣ касб кардани инъикоси шахсиятҳои воқеӣ ба таври боварибахш ба таҳқиқ омадааст. Ҷанбаи илмӣ ва таҳлилии диссертатсияро махсусан ақидаҳои донишмандон ва суханшиносоне чун Чингиз Айтматов, Акбар Турсунов, Муҳаммадҷони Шакурӣ, Соҳиб Табаров, ки зимни таҳлил истинод мешаванд, тақвият мебахшад. Аз ҷумла, бо чунин андозаи баланд, воқеъбинона ва дар сатҳи олии ҳунари нависандагӣ таҷассум намудани чеҳраҳои зиёиён ва равшанфикрони ибтидои садаи XX тоҷикро дар муҳаббати саршори устод Айнӣ ба халқи азизаш дониста, ин фикрро бо сухани зерини Акбар Турсунов тақвият медиҳад: «Фарзандони мутафаккиру неруманди халқу

ватани худ ва замину осмони меросии аҷдодонро дӯст надошта, ба марзу буми бегона меҳр бастан амри маҳол аст» (дисс., с.54).

Унвонҷӯ симои фардӣ ва иҷтимоии ҳар як зиёӣ, рушанфикр ва шахси фарҳангии «Ёддоштҳо»-ро муфассал таҳлил намуда мавқеи ҳар кадомро дар тасвири нависанда ошкор месозад. Аз ҷумла, Мулло Амон симоест, ки бо як ҷасорат шаклҳои гуногуни муборизаро алайҳи уламои мутаассиби динӣ ва ҳукуматдорони хиёнатпеша фикр карда мебарояд ва «аз дашном ва ҳақорат ҳеҷ чиз ҳосил намешавад, инҳоро тавбаи гургӣ додан, яъне нест кардан лозим аст» мегӯяд. Муҳаққиқ зимни таҳлил барҳақ ба чунин хулоса меояд, ки: «Дар тасвири Айнӣ Мулло Амон ҷасоратманд ва пурқувваттарин симои «Ёддоштҳо» мебошад» (дисс., с. 73).

Умуман, дар ин фасл, ки 34 саҳифаи диссертатсияро фаро гирифтааст, як қишри бонуфузу созандаи ҷомеаи Бухорои амирӣ дар партави фаъолияти чеҳранигории устод Айнӣ ба таҳқиқ омада, тавассути маҳфилҳои адабии Садри Зиё, фаъолияти «ғайбатхона», амалҳои халқпарваронаи қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир ва гайра табиати фарҳангӣ ва рӯҳи озодипарасти халқи тоҷик таъкид ёфтааст.

Дар фасли дувуми боби дувум – «Симои муаллиф ва нигориши рӯҳи замон дар «Ёддоштҳо» - чеҳраи ноқил Садриддин Айнӣ чун қаҳрамони асосии асар таҳлилу тадқиқ меёбад. Унвонҷӯ дар асоси баррасии заминаҳои иҷтимоӣ ва омилҳои айниву зеҳнӣ ба муайян намудани ташаккул ва такомули хислат ва шахсияти ноқил – нависанда муваффақ шудааст. Аз таҳлил бармеояд, ки дар инкишофи характери Садриддин се омили асосӣ саҳмгузор аст. Нахуст, муҳити хонаводагӣ ва махсусан падари сахтгиру гамхор, ки дар таълиму тарбияи фарзанд бо тамоми ҳастӣ кӯшиш намудааст. Дар ин маврид таҳлил пайдарпай, хотирмон ва омӯзанда аст. Лаҳзаи бемордорӣ ва баъди вафоти падару модар тамоми маросими мотамро ба ҷо оварда, азми хондан дар мадрасаҳои Бухоро намудан баёнгари иродаи қавӣ, ҷасоратмандӣ, дурандешӣ ва заҳматписандии Садриддин мебошад.

Омили дувуми ба ташаккули маънавии Садриддин мусоидаткунанда муҳити фарҳангии деҳот ба афкору адабию маърифатпарвари Бухоро мебошад. Унвонҷӯ ин ҳолатро дар мисоли таъсири афсонаҳои Тӯтапошшо, муносибати самимӣ ва маҳорати шеърхонии Ҳабиба ва овозхониву қиссахонии ҳунармандони Бухоро баррасӣ намудааст.

Омили сеюми ташаккули хислатҳои Садриддин ва шуури иҷтимоии ӯ таъсири шоирон, равшанфикрон ва зиёиёни пешқадам буда, онҳо, дар шинохти шахсият ва бозтоби чеҳраи ӯ мақоми арзанда доштаанд.

Ҳамин тариқ, дар диссертатсия инкишофи шахсият ва таҳаввули симои Садриддин дар асари нотамоми «Ёддоштҳо» басо муфассал ба таҳқиқ омада, нақши замону макон ва шароити иҷтимоии Бухорои амирии ибтидои асри XX низ дар ҷаҳонбинӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва тафаккури бадеии нависандаи оянда таъкид гардидааст. Ин омилҳои айниву зеҳнӣ ба заковати азалӣ ва рӯҳи қобили нависандаи оянда мувофиқат карда, ӯро «минбаъд ба дараҷаи шахсияти наҷиб, чеҳраи мондагори таърих, адиби тавоно ва бунёдгузори насри модернистии тоҷик» (дисс., с. 106) ба камол расонданд.

Дар «Ёддоштҳо» оид ба шахсиятҳои зиёди воқеӣ сухан меравад, ки мувофиқи мақому манзалат ва мавқеи фарҳангию иҷтимоиашон дар ҷомеа таваҷҷуҳи устод Айниро ба худ ҷалб намудаанд ва яке аз симоҳое, ки нависанда дар бобҳои «Аҳмади Дониш», «Тарзи зиндагонии шабонарӯзӣ ва ҳафтагии Аҳмадмахдум», «Оби ганда ба ҳандақ», «Саёҳати солонаи Аҳмадмахдум», «Шеърҳои ҳаҷвии Аҳмадмахдум», «Хабари вафоти Аҳмадмахдум», «Аввалин шиносоии ман ба калонтарин асари Аҳмади Дониш – «Наводир - ул - вақоеъ» бо муҳаббат ва ифтихор қаламкашӣ мекунад, асосгузори ҷараёни маорифпарварии тоҷик Аҳмади Дониш мебошад ва хуб аст, ки боби сеюми диссертатсия пурра ба таҳқиқи шахсият ва симои ин аллома бахшида шудааст. Дар фасли аввал – «Таҳқиқи осори адабӣ ва шинохти шахсияти Аҳмади Дониш» унвонҷӯ Аҳмадмахдуми Донишро чун нависанда, донишманд, маорифпарвар,

таърихнавис, мунаққид, хаттоту ҳунарманди беҳамто ва ходими барчастаи сиёсию иҷтимоӣ баррасӣ намуда, оид ба мероси илмию адабии мутафаккир ва дараҷаи омӯхта шудани осори гаронбаҳои ӯ маълумоти пурра медиҳад, ки, ба андешаи мо, бо чунин муфассалӣ, дар 14 саҳифа, баёни андеша кардан боиси як андоза аз мавзӯи асосӣ берун рафтани диссертант гардидааст.

Дар фасли дувуми боби сеюм бошад, шахсияти эҷодӣ ва чеҳраи ҳунарии Аҳмади Дониш дар «Таърихи инқилоби Бухоро», «Намунаи адабиёти тоҷик» ва махсусан дар «Ёддоштҳо» басо амиқу дақиқ, дар асоси маъхазҳо ва мисолҳои зиёди муқоисавӣ таҳлилу таҳқиқ шуда, аз як тараф, ҳунари волои чеҳранигории устод Айнӣ ва, аз тарафи дигар, таъсири ҷиддии ин «доҳии модарзод», «зоти бузург» ва «ситораи дурахшони осмони Бухоро» дар таҳаввули шахсияти иҷтимоӣ ва роҳу равиши фаъолияти эҷодии Айнӣ басо возеҳу равшан маълум мегардад. Унвонҷӯ саҳифаҳои ба Аҳмади Дониш бахшидаи «Ёддоштҳо»-ро ба «Аҳмади Дониш» ном очерки Сотим Улугзода дар муқоиса омӯхта, ба чунин натиҷаи ҷолиб мерасад, ки: «Дар адабиёти муосири тоҷик тавассути бозтоби фардияти шахсони бузурги таърихӣ, аз ҷумла донишшиносӣ қадами устуворона гузошта, бо эҷод шудани «Ёддоштҳо» дар насри таърихии тоҷикӣ тамоюлоти тозаи адабӣ ба вуҷуд омад ва шинохти шахсияту офариниши симои одамони наҷиб, неруҳои эҷодкор, адибону ҳунармандон ва зиёиёну рӯшанфикрон мавқеи хосса пайдо намуд» (дис., с.124).

Дар диссертатсия ҳар як фаслу боб натиҷагирӣ шуда, дар охир мавзӯъ дар ҳаҷми шаш саҳифа ҷамъбаст мешавад. Тадқиқот бо забони фасеҳи илмӣ навишта шуда, андешаҳои унвонҷӯ бо мисолҳои муътамад асоснок мегардад.

Дар баробари ин комёбиҳо, дар диссертатсия, чи хеле ки ёдовар шудем, баъзе норасоӣ ва костагиҳои илмӣ ба назар расид. Аз ҷумла: 1. Дар ҷараёни таҳлилу таҳқиқ фикрҳо, муҳокимаҳо такрор мешаванд. Масалан, таъсири симо ва шахсияти Ҳабиба ба Садриддин дар

саҳифаҳои 93, 98 ва саҳифаҳои дигари диссертатсия батакрор ёдоварӣ шудааст. Чунин такрори фикр дар мавриди падари Садриддин – Саидмуродхоҷа низ ба назар мерасад.

2. Баъзе ғалатҳо аз ноогоҳии унвонҷӯ сар задааст. Масалан, дар саҳ. 58 диссертатсия Шарифмахдуми Муътасим ба ҷои Шарифҷонмахдуми Садри Зиё омада, дар таҳлил ба ғалат роҳ дода шудааст. Шарифмахдуми Муътасим яке аз гурезагони Бухорост, ки ба Россия ва Туркия сафар карда, ба нашр кардани китобҳо машгул буд ва онро ба Шарифҷонмахдуми Садри Зиё махлут кардан нашояд.

3. Дар мавриди иқтибосҳо ҳам носаҳеҳиҳо мушоҳида шуд: аввал ин ки бархе иқтибосҳо ғалат рӯбардор шуда, аз ҷиҳати маъно коста гардидаанд (дисс., саҳ. 11-12,13, 44, 62… ). Ғайр аз ин, қисме аз иқтибосҳо аз нусхаи асл не, балки аз асарҳои таҳқиқотии дигар оварда шудаанд (саҳ.21, 27, 34…).

4. Баъзан дар навишти номҳо ғалат рафтааст: Неккадам (ба ҷои Некадам- с.26), Аҳмадҷон Маҳмуди Ҳамдӣ (ба ҷои Аҳмадҷонмахдуми Ҳамдӣ-с.34), Тӯтипошшо (ба ҷои Тӯтапошшо-с. 99), Ҳамроҳговбоз (ба ҷои Ҳамрогавбоз –с. 17)…

5. Дар кор галат навиштани калимаву таркибҳо низ ба назар мерасад: мӯътамад (ба ҷои муътамад), оддӣ (ба ҷои одӣ), мӯъмин (ба ҷои муъмин), кӯҳна (ба ҷои куҳна), таззод (ба ҷои тазод), мӯҳташам (ба ҷои муҳташам), соддагӣ (ба ҷои содагӣ), мандагор (ба ҷои мондагор) ва ғайра.

6. Дар қисмати феҳристи адабиёт низ баъзе носаҳеҳӣ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, номи муаллифону асарҳои онҳо ва гоҳе солу саҳифаҳо ғалат оварда шудааст (ниг, ба рақамҳои тартибии 97, 151, 156, 157, …).

Вале ин норасоиҳо ва ғалатҳои ҷузъӣ ба мазмуну муҳтаво ва ҷанбаи илмии диссертатсия халал ворид намесозанд. Автореферат ва мақолаҳои унвонҷӯ ба мавзӯъ ва муҳтавои кор мувофиқати комил доранд ва месазад, ки ба Бобораҷабова Гулнора Зиёвиддиновна дар

асоси рисола бо  номи «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори Садриддин Айнӣ» аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад.

Кӯчаров Аламхон,
узви вобастаи АИ ҶТ, доктори
илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва адабиёти навини
форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

имзои подпись
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш.

06.01.2020